Нусха

аз қарори №5 -и кафедраи назария ва таърихи адабиёти

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Аз “08” декабри соли 2022 ш. Душанбе

<u>**Иштирок доштанд:**</u> 16 нафар аъзои кафедра иштирок доштанд. Пешниҳод шуд, ки ҷаласа кушода эълон карда шавад, пешниҳоди дигар нест. Нест. Якдилона пешниҳод қабул карда шуд.

**РӮЗНОМА:**

1. Баррасӣ ва муҳокимаи диссертатсияи номзадии **Ализода Наврӯз Алӣ** дар мавзуи **«Поэтикаи зарбулмасалҳои даризабонони Афғонистон»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.09 – Фолклоршиносӣ.

**ШУНИДА ШУД:**

Ахбори раиси ҷаласа, доктори илми филология, профессор Солеҳов Ш.А. дар бораи баррасии диссертатсияи номзадии **Ализода Н.А.** шунида шуд. Иттилоъ дода шуд, ки ҳуҷҷатҳои довталаби дараҷаи илмӣ ва тақризи аз ҷониби роҳбари илмӣ пешниҳодшуда ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошанд.

Диссертант оид ба муҳтавои асосии диссертатсия ва натиҷаҳои илмии таҳқиқ маъруза намуд. Баъд аз баромади муаллифи диссертатсия суолу ҷавоб сурат гирифт. **Ализода Н.А.** ба суолҳои профессорон Худойдодов А., Исрофилниё Ш., Элбоев В., Казакова У. ва дотсентон Саидов С., Мирзоалиева А., Қурбонов М. ва Шоев А. ҷавоб дод.

Профессорон Худойдодов А., Элбоев В., Исрофилниё Ш., Казакова У. ва дотсентон Саидов С., Мирзоалиева А., Қурбонов М. ва Шоев А. фикру пешниҳодҳояшонро доир ба диссертатсияи номзадии **Ализода**

**Наврӯз Алӣ** дар мавзуи **«Поэтикаи зарбулмасалҳои даризабонони Афғонистон»** баён намуданд.

Ҷаласа пас аз баррасии масъалаи мазкур ва фикру андешаҳои баёнгардида,

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:**

1. Диссертатсияи номзадии **Ализода Наврӯз Алӣ** дар мавзуи **«Поэтикаи зарбулмасалҳои даризабонони Афғонистон»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.09 – Фолклоршиносӣ пешниҳод гардидааст, кори илмии анҷомёфта мебошад. Он тамоми хусусиятҳои кори диссертатсиониро дар худ таҷассум менамояд.
2. Мақолаҳои илмии таълифнамудаи унвонҷӯ ба мавзуи таҳқиқ иртибот дошта, дар маҷаллаҳои тасдиқшудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маҷмуаҳои дигари илмӣ ба нашр расидаанд.
3. Оид ба мубарамии мавзуъ, навгонии илмӣ, арзиши назарию амалии диссрtатсияи номзадии **Ализода Наврӯз Алӣ** ва натиҷагирию дастовардҳои ӯ **хулосаи ҷаласаи кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ** дар муҳлати муайян пешниҳод карда шавад.
4. Диссертатсияи мазкур ба экспертизаи даври дуюми муассиса пешниҳод карда шавад.

Раиси ҷаласа, мудири кафедраи
назария ва таърихи адабиёт,
д.и.ф., профессор Солеҳов Ш.А.

Котиби илмӣ, ассистент Мерганзода М.Б

ФАКУЛТЕТИ ФИЛОЛОГИЯИ ТОҶИК